«Мувофиқа шуд»
Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______________ Д. Саидов
«15» ноябри соли 2012
№3-10/3702

«Тасдиқ шудааст»
бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«23» ноябри соли 2012
№8 – Ф

**Номгӯи дигари амалҳо ва (ё) беамалиҳо, ки барои эътироф намудани андозсупорандагон ба сифати «андозсупорандаи бемасъулият» асос мебошанд**

Номгӯи дигар амалҳо ва (ё) беамалиҳо, ки барои эътироф намудани андозсупорандагон ба сифати «андозсупорандаи бемасъулият» асос мегарданд, инҳоянд:

– ҳангоми дар як суроғаи ҳуқуқии барои пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ номувофиқ, якбора бақайд гирифтани якчанд субъектҳои хоҷагидор, агар субъектҳои мазкур маълумоти бардурӯғ оид ба суроғаи ҳуқуқӣ (шахси хуқуқӣ) ва (ё) маҳалли фаъолияти соҳибкории инфиродиро пешниҳод намуда бошанд;

– дар мӯҳлати зиёда аз 3 моҳ дар мақомоти андоз ба баҳисобгирӣ (ба қайди андозӣ) нагузоштани андозсупоранда дар маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ва (ё) объекте, ки ба андозбандӣ алоқаманд аст;

– тибқи тартиби муқаррар гардида дар мӯҳлати зиёда аз 6 моҳ набурдани баҳисобгирии даромаду хароҷот, амалиёти хоҷагидорӣ ва наандешидани чораҳои зарурӣ оид ба барқарор намудани хуҷҷатҳои гумшудаи муҳосибавӣ ё ҳуҷҷатҳои вобаста ба андозбандӣ;

– пешниҳод ва қабули ҳисобнома-факутураҳо барои баҳисобгирии андози арзиши иловашуда аз рӯи таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) аз ҷониби андозсупорандагоне, ки дар рӯйхати амалкунандаи андозсупорандагони бемасъулият қарор доранд.